# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қодирзода Сайвали Муҳибулло дар мавзуи « Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

1. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ба ихтисоси илмӣ, ки аз руйи он ба шурои диссертстсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - ДМТ) ҳуқуки қабул кардан дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Қодирзода Сайвали Муҳибулло бо такя ба қонунгузории Тоҷикистон амалияи ҳукуқтатбиқкунӣ ва таҷрибаи судӣ ба омӯзиши муфассали масъалаҳои асосии вазъи хукуқии маҳсулоти пастсифат ба бозори истеъмолӣ ба саломати шаҳрвандон бахшида шудааст.

Диссертатсияи Қодирзода Сайвали Муҳибулло тибқи муқаррароти амалкунандаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба омӯзиши фарогир ва амиқи масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии гардиши маҳсулоти пастсифат дар бозори истеъмолӣ пешгирӣ ва маҳдудсозии паҳншавии чунин маҳсулот, инчунин механизмҳои ҳифзи ҳукуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон равона гардидааст.

Моҳият ва хусусияти танзимкунандагӣ, воситаҳои таъмини сифати мол ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шуда: якум, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳамчун абзори ҳукуқи оммавӣ баромад намуда, муносибатҳои дахлдорро дар сатҳи умумӣ танзим равона намудааст; дуюм, шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ки ба ҳайси василаи ҳукуқи хусусӣ барои ба танзим даровардани муносибатҳои мушаххаси байни субъектҳои иқтисодӣ хизмат мекунанд маври таҳлил ва барраси қарор додааст.

Дар рисолаи илмӣ шароити иқтисодиёти фармонӣ-нақшавӣ, нақши асосиро маҳз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун механизми калидии танзими сифати мол истифода гардидааст. Тибқи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва коҳиш ёфтани дараҷаи марказонидани идоракунии иқтисодӣ, аҳамият ва нақши шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба таври назаррас дарҷ намудааст. Дар чунин шароит, шартномаҳо ба яке аз абзорҳои муҳими таъмини сифати мол табдил ёфта, мавқеи калидиро дар танзими муносибатҳои иқтисодии байни иштирокчиён ишғол менамоянд таъкид шудааст.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини сифати мол барои ҳолатҳои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳои фурӯшанда оид ба интиқол ва бегона кардани моли босифат як қатор оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд.

Дар меъёрҳои Кодекси маданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «норасоӣ» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дорои мазмуни гуногун ва бисёрҷанба истифода мегардад. Аз таҳлили муқаррароти дахлдор бармеояд, ки қонунгузор вобаста ба хусусияти муносибатҳои шартномавӣ ва дараҷаи камбудиҳои молӣ шаклҳои гуногуни норасоиҳоро пешбинӣ намудааст.

Ба сифати норасоиҳои молӣ, аз ҷониби фурӯшанда, норасоиҳои рафънопазир; камбудиҳое, ки рафъи онҳо бидуни хароҷоти зиёдатӣ ё масрафи номутаносиби вақт имконнопазир, ҳолатҳое, ки норасоӣ такроран ба вуҷуд меояд ё пас аз бартарафсозӣ боз зуҳур ва дигар намудҳои ба онҳо монанд (моддаи 511). Илова бар ин, қонунгузорӣ мафҳуми норасоиҳоеро истифода мебарад, ки барои онҳо фурӯшанда масъулияти ҳуқуқӣ бар дӯш дорад (моддаҳои 512 ва қисми 5 моддаи 595), инчунин норасоиҳое, ки бо хусусияти худ рафъи онҳо ғайриимкон мебошад (қисми 2 моддаи 537), ё онҳое, ки дар мӯҳлатҳои барои харидор қобили қабул бартараф карда намешаванд (моддаи 560) инникос ёфтааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ мебошад. Мубарамияти мавзуъ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошад,

Дар таҳқиқоти илмии соҳаи ҳуқуқи маданӣ мафҳумҳои «сифати мол», «хусусиятҳои мол», «стандарти давлатӣ», «регламенти техникӣ», «фурӯшанда», «соҳиби мол», «харидор», «истеъмолкунанда», «шартҳо», «шартнома бастан», «вайрон кардани шартнома», «оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди маҳсулоти номатлуб», «норасоии мол», «борпеч (бастабандӣ)», «нарх» ва «арзиш» дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии хос мебошанд ва дар низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, мавриди пажуҳиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олӣ аттетстаисонии назди Президенти ҶТ нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд.

Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (ба забони тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Қодирзода Сайвали Муҳибулло мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз ихтисороти қабулшуда, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботҳои «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, аз 28 июни соли 2024, №493)», тахия гардидааст.

Дар қисми муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамияти мавзуи таҳқиқотро ба таври асоснок матраҳ намуда, дараҷаи омӯзиш ва таҳлили масъалаи илмиро дар адабиёти муосир баррасӣ менамояд. Ҳамзамон, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), самтҳои илмӣ ва корҳои таҳқиқотии марбута нишон дода шудааст. Дар идома, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин объекти таҳқиқот ва предмети омӯзиш ба таври возеҳ муайян гардидаанд. Асосҳои назариявии таҳқиқот бо такя ба дастовардҳои олимон ва мактабҳои илмии ватаниву хориҷӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф навгонии илмии таҳқиқотро ҷудо намуда, нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшавандаро мушаххас баён намудааст. Илова бар ин, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада, инчунин сатҳи эътимоднокии онҳо дар асоси методологияи илмӣ ва манбаъҳои истифодагардида шарҳ дода шудааст. Дар муқаддима ҳамчунин мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, сатҳи тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои илмӣ, инчунин маълумот оид ба интишорот вобаста ба мавзуи таҳқиқот оварда шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқоти мустақилона таҳия гардида, дорои ягонагии мантиқӣ ва муттасилии мазмунии дохилӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар раванди таҳқиқот инъикос менамоянд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлиҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо

собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, Комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қодирзода Сайвали Муҳибулло дар мавзуи « Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби у чопгардида, вуҷуд надорад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Қодирзода Сайвали Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Сайвали Муҳибулло дар мавзуи « Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ - таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Сангинзода Донёр Сангин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори, муовини директори Иниститути омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

– **Мирзоев Парвиз Исроилович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии « Донишгоҳи моля ва иқтисод » тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента ҶТ розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқӣ дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии
ДМТ аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзозода П.З.

Имзоҳои Мирзозода П.З. – ро
тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
“20” 04 соли 2026

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Н.М.

Имзои Имомзода Н.М.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.
“20” 04 соли 2026

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,профессор,
Мудири кафедраи ҳуқуки байналмилалӣ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон Аминова Ф. М.

Имзои Аминова Ф. М. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳои муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии
Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.
“20” 04 соли 2026